ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №17

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15.02.2025, № 01

Барои сазовор донистани Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба ҳимоя 20-уми ноябри соли 2024 Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин 26 августи соли 1987 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон дар оилаи хизматчии давлатӣ таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёнаи №4-и ноҳияи Темурмалик соли 2004 ба Донишгоҳи байналмилалии Кипр ба факултети илмҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ дохил шуда онро соли 2009 хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиаии унвонҷӯ:

аз соли 2009-2012 дар вазифаи мутахассиси Сарраёсати буҷети давлатӣ,

аз соли 2010-2011 мутахассиси пешбари Шуъбаи идоракунии маблағгузории асосии давлатии Сарраёсати буҷети Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2011-2012 сармутахассиси Шуъбаи идоракунии маблағгузории асосии давлатии Сарраёсати буҷети Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2012-2013 иҷрокунандаи вазифаи сардори идоракунии маблағгузории асосии давлатии Сарраёсати буҷети Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2014 то соли 2015 иҷрокунандаи вазифаи муовини сардори Сарраёсат- сардори Раёсати баҳисобгирӣ ва омори қарзҳои давлатии Сарраёсати қарзи давлатӣ, аз соли 2015-2018 сардори Сарраёсати қарзи давлатӣ ва ҷалби сармоягузории давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2014-2018 ба ҳайси

директори муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаи Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот”-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2016-2018 директори лоиҳаи мукаммалгардонии идораи молияи давлатии дараҷаи II. аз соли 2018 то 2020 магистри Академияи хоҷагии халқ ва идораи давлатии назди Президенти Федератсияи Россия (MBA), аз соли 2020 то 2022 муовини сардори Сарраёсат-сардори Раёсати маъмуригардонии минтақаҳои озоди иқтисодии Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2022-2023 сардори Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва аз 01.2023 то 02.03.2023 сардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз марти соли 2023 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Шарифзода Баҳром Маҳмуд доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент., Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Иниститути иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

Муқарризони расмӣ:

1. Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор., профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

2. Мухсинова Парвина Абдулқосимовна - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Ризозода Т.Р. – д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон имзо шудааст, қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ Нуриддинзода А.Н. 11 адад интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 8 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмӣ - тадқиқотии мустақил ва бaанҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:

[1–М]. Нуриддинзода А.Н. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир: ҷанбаҳои назариявӣ [Матн]/ А.Н Нуриддинзода.,Б.М Шарифзода.//«Экономика Таджикистана», Душанбе, 2023. № 3. С. 72-78. ISSN: 2310-3957

[2–М]. Нуриддинзода А.Н. Механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн]/А.Н. Нуриддинзода //Ахбори Академияи миллии Тоҷикистон, № 1 (270)., 2023, с. 153-160.

[3–М]. Нуриддинзода А.Н. Асосҳои назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн] / А.Н Нуриддинзода., Б.М. Шарипов//«Экономика Таджикистана», Душанбе, № 4(2), 2022. С.43-49. ISSN: 2310-3957

[4–М]. Нуриддинзода А.Н. Таъмини рақобатпазирииикорхонаҳои саноатӣ: шароитҳо, олмилҳо ва принсипҳо. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода //“Тоҷикистон

ва ҷаҳони имрӯза". Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 4 (80)., 2022, с. 183-193. ISSN 2075-9584

[5–М]. Нуриддинзода А.Н. Развитие сферы образовательных услуг и формирование конкурентной среды в Республике Таджикистан. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода // Вестник Таджикского национального университета - 2/7, 2017, с. с.135-140.ISSN 2413-5151

Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[6-М]. Нуриддинзода А., Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир. [Матн] / А. Нуриддинзода.// Конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои стратегии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ», Донишгоњи байналмилалии сайёњї ва соњибкории Тоьикистон, Душанбе, 2024, (14-уми октябри соли 2024).с .680. С. 19- 27.

[7-М]. Нуриддинзода А.Н. Роль цифровизации банковского сектора в обеспечении ускоренного и сбалансированного развития промышленности Таджикистана. [Матн] / Б.М Шарифзода., А.Нуриддинзода, В.Абдусатори.//, Сборник материалов научно-практической международной конференции на тему " Приоритеты развития финансового сектора в условиях перехода к цифровой экономике (г. Душанбе, 7 - декабря 2023 года) – Душанбе, ТГФЭУ.-с. 378 , с.39-44

[8-М]. Нуриддинзода А.Н. Условия факторы и принципы обеспечения конкурентоспособности промышленных предприятий [Матн]/А.Н Нуриддинзода.// Материалы международной научно-практической конференции на тему "Стратегические направления развития инновационного предпринимательства в условиях глобализации", МУТПТ, Душанбе: 2022.-С.560-565

[9-М]. Нуриддинзода А.Н. Подходы к цифровой трансформации промышленного производства в условиях ускоренной индустриализации[Матн]/ А.Н. Нуриддинзода, Ф.А Джабборов.// Материалы республиканской научно-практической конференции на тему "Современные тенденции денежно-кредитных отношений и их влияние на экономическое развитие" (15 февраля 2020 года), С.121-125

[10-М]. Нуриддинзода А.Н. Пути повышения конкурентоспособности промышленных предприятий. [Матн] / А.Н. Нуриддинзода// Материалы международной научно-практической конференции "Проблемы обеспечения устойчивого сбалансированного развития мировой экономики: тенденции и перспективы". – Душанбе: ИПС, 28 октября 2019 года. С.3-6

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд аз:

1. Досиев – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идоракунии молиявии давлати АИДНПҶТ бо чунин эрод пешниҳод шудааст:
1. Тавсияҳои муаллиф дар робита бо захираҳои молиявии маҳдуд ва тарҳрезии механизмҳои молиявӣ барои дастгирии саноат бояд ба таври тадбирҳои мушаххас пешниҳод мешуданд.
2.Муаллиф дар таҳқиқот ба масъалаи нақши корхонаҳои хурд ва миёна дар раванди рушди саноат бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, вале бояд роҳҳои фаъол гардонидан ва мутобиқсозии онҳо бо талаботи муосир аниқтар пешниҳод мешуданд.

2. Мирсаидов С.А. д.и.и., профессори Мудири кафедраи фаъолияти биржави Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:
1. Дар қисмати назариявӣ муаллиф баҳри таъмини рақобатпазирии корҳонаҳои саноатӣ таҳқиқи консепсияҳои гуногуни муосирро мавриди омӯзиш қарор додааст. Вале, кадоме аз онҳо бояд дар корхонаҳои саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалия истифода гарданд, инъикос накардааст.
2. Автореферат дорои баъзе ғалатҳои имловию техникӣ аст.

3. Раҷабов Р.К. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:
1. Дар қисмати таҳлилии автореферат захираҳои мавҷудбуда дар самти имконияти такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии нокифоя тавзеҳ дода шудааст.
2. Дар автореферат баъзе норасоиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой дошта, инчунин баъзе аз мавҳумҳо ба пуррагӣ арзёбӣ нашудаанд.

4. Шарофзода Ф.Р. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Директори МД "Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон:
1. Мақсади муҳаққиқ дар бисёре аз қисмҳои диссертатсия ба таври васеъ баррасӣ шудааст, вале дар баъзе мавридҳо мушаххасгардонии бештари он дар масъалаи таъсири иқтидори инсонӣ ва захираҳои молиявӣ ба рушди корхонаҳои саноати коркард ба мақсад мувофиқ мебуд.
2. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар раванди таҳқиқот дуруст таҳлил карда шудааст, вале муаллиф бояд дар муҳокимаи стратегияҳои мутобиқсозии онҳо дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

:

– ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таҳқиқ гардида, шароит ва омилҳое, ки ба таъмини рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд;

– таҳлил ва арзёбии ҳолати рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт;

– баррасии ташкили кластерҳои саноатӣ ҳамчун механизми баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард;

– муайян кардани роҳҳои асосии мукаммалсозии механизмҳои инстутсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– пешниҳоди самтҳои асосии таъмини самаранокӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръат.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он таҷассум мёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда ҳангоми таҳияи тавсияҳо бахри таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард истифода шуда метавонанд. Аҳамияти амалии кор дар он таҷассум мёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳия ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат истифода шуда метавонанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки: Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Пешниҳодоти муаллиф дар самти мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат назаррас хоҳад буд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 15 феврали соли 2025 қарори сазовор донистани Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шӯро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

Санаи барасмиятдарории хулоса 15 феврали соли 2025

ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 15.02.2025с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №17/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, аз онҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шуро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои унвонҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ҳимояи диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Шарифзода Баҳром Маҳмуд

**Муқарризони расмӣ:**

- **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор., профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

- **Мухсинова Парвина Абдулқосимовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Гафуров.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддинро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба унвонҷӯ Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Нуриддинзода А.А....: Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Нуриддинзода А.А... савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шурои диссертатсионӣ: д.и.и,профессор Қурбонзода М.Р., д.и.и,профессор Бобоев О., д.и.и,профессор Рауфи А., д.и.и,профессор Аҳророва А.Д.

Нуриддинзода А.А.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба мушовири илмии унвонҷӯ Шарифзода Баҳром Маҳмуд доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: Шарифзода Баҳром Маҳмуд баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

2. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шуро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба унвонҷӯ Нуриддинзода А.А барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Нуриддинзода А.А Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон дода мешавад.

Комилов С.Ҷ.: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба унвонҷӯ Нуриддинзода А.А барои ҷавоб додан ба эродҳои муқаррризи расмӣ дода мешавад.

Нуриддинзода А.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқаррризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқаррризи расмӣ - **Мухсинова Парвина Абдулқосимовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди

ҷаҳонӣ, факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Гафуров дода мешавад.

**Мухсинова П.А.**: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Нуриддинзода А.А барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Нуриддинзода А.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шуро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д, баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Нуриддинзода А.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шурои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳамроев Ф.М. ва доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсент Курбонзода М.Р. пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 10, Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р дода мешавад. Марҳамат!

Исайнов Ҳ.Р: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 15 феврали соли 2025, ки аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р.., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳамроев Ф.М. ва доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсент Қурбонзода

М.Р таъсис дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар аъзои Шуро, доктoрони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 5 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 10 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин чунин аст. Тарафдор – 10 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шурои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шуро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шуро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шуро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шуро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шӯрои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин эълон кунам.

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 15 феврали соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи мушовири илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент., Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

**Шарифзода Баҳром Маҳмуд** , тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, **Мухсинова Парвина Абдулқосимовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д, Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.
15.02.2025.

Муҳри муассиса

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 15 феврали соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи мушовири илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент., Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ **Шарифзода Бахром Маҳмуд** , тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, **Мухсинова Парвина Абдулқосимовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д, Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.
15.02.2025.

Муҳри муассиса